**Суратмаҷлиси №43**

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА - 037-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

аз 5 феврали соли 2024 ш.Хуҷанд

Иштирок доранд:
аз 15 нафар аъзои
Шуро 13 нафар

**Рӯзнома:**

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00-Забоншиносӣ (10.02.20-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) (мушовири илмӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҳасанзода А.А.) ба ташхиси аввалия ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

**Шунида шуд:**

Ахбори муовини раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Мирзоюнус Матлуба дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович ба Шурои диссертатсионӣ.

**Баромад кард:**

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ Шарипова М.З. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Курғанов Зохид Дехканович - автореферат (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо» тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00-Забоншиносӣ (10.02.20-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) (мушовири илмӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҳасанзода А.А.) ба ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхисӣ дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- **Шокиров Туғрал Сироҷович** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, аъзои Шуро, раиси комиссияи ташхис;
- **Азимова Матлуба Нуриддиновна** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, аъзои Шуро, аъзои комиссияи ташхис;
- **Султон Ҳасан Баротзода** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ, аъзои комиссияи ташхис.

Қарор карда шуд: тарафдор 13 нафар, зид, бетараф нест.

**Раисикунанда,**
**муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои филологӣ, профессор** **Мирзоюнус Матлуба**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои филологӣ, дотсент** **Шарипова М.З.**